# ҚАРОРИ

## шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз “4” июли соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии **Шафоати Сангиҳмад** дар мавзуи **«Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, баромади муқарризони расмӣ – Раҳмон Наргис Шариф, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Амлоев Аминҷон Ятимович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ, докторони илмҳои филологӣ Матробиён Саодатшо, Олимҷонов Мусо, Расулзода Суҳайлӣ, Қосимов Олимҷонро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Шафоати Сангиҳмад

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи **Шафоати Сангиҳмад** дар мавзуи **«Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Шафоати Сангиҳмад дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба Шафоати Сангиҳмад аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси ҷаласа:**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Каримзода Ш.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳ.Т.

«4» июли соли 2026